«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Махмадёрзода У.М.

____________________________

«__02__» ______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи «Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо.**

**Дар тақризи муассисаи пешбар масъалаҳои зерин баррасӣ мегардад:** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси «Физиология ва биохимияи растаниҳо» мувофиқи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2020, №6 III. Соҳаҳои таҳқиқот банди 10. Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ бо танзимкунандагони рушд, муайян намудани қонуниятҳои сохт, миқдор ва табдили равандҳои фаъолияти ҳаётии организмҳо пайвастагиҳои химиявие, ки ба материяи зинда умумиянд. Банди 5 таҳлил ва синтези моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, ошкор кардани таъсири физиологии онҳо ва имконияти дар тибб ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурдани моддаҳои бадаст овардашуда. Банди 8. Таъсири шароитҳои ғизои хокӣ ба рушд ва нумуъи. Омӯзиши нақш ва иштироки пайвастагиҳои сохторӣ дар обҳои озод, ионҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ дар равандҳои биохимиявӣ муҳим аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Зироати соя яке аз манбаъҳои асосии сафедаи растанӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, зиёда аз 50 %-и сафедаи растании истеҳсолшаванда аз дони он ҳосил мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли ҷаҳонии дони соя, сарфи назар аз тағйирёбии солона, тамоюли устувори афзоишро нигоҳ медорад. Ин раванд пеш аз ҳама ба васеъ гардидани майдонҳои кишт ва инчунин ба баланд шудани ҳосилнокии навъҳои нави сермаҳсулу мутобиқшуда вобаста мебошад.

Сояро беш аз 100 кишвари ҷаҳон парвариш мекунанд, ки бартарияти бузургии озуқаворӣ, агрономӣ ва экологии онро тавсиф медиҳад.

Растании соя бо гуногунсамтии истифодаи худ фарқ намуда, манбаи истеҳсоли садҳо навъи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти аз соя ҳосил шуда, пеш аз ҳама, ҳамчун хӯрокаи серсафедаю пуркимати чорво, паранда, моҳӣ ва ғайра истифода мешаванд.

Аммо дар таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш аз ҳама дони соя маҳсулоти асосии хом барои саноати равғанкашӣ мебошад ва дони он барои истеҳсоли равған нигаронида шудааст. Бинобар ҳамин сояро ба гурӯҳи зироатҳои техникии равғандиҳанда шомил кардаанд. Соя-растании хело ва паҳншуда буда, дар панҷ қитъаи рӯйи олам дар ҳудуди беш аз 60 мамлакати дунё парвариш карда мешавад. Сояро дар минтақаҳои тропикӣ, субтропикӣ ва ҳатто минтақаҳои муътадили курраи Замин парвариш менамоянд. Дар солҳои охир дар тамоми ҷаҳон мутаносибан микдори парвариши навъҳои соя зиёд гардидааст ва ин раванд бо низом афзоиш ёфта истодааст, ки навъҳои нав аз рӯйи хусусияти тезпазакӣ, дараҷаи маҳсулнокӣ ва аломатҳои хоҷагидориашон аз ҳамдигар ва навъҳои то ин замон парваришёбанда фарқ мекунанд.

Дар шароити муосири рушди кишоварзӣ интихоби шакл ва усули самараноки ҳочагидори аҳаммияти калидӣ дорад. Дар ин самт зироатҳои лубиёгӣ, аз ҷумла соя, мавқеи муҳим дошта, бо хусусияти ғанӣ гардонидани хок аз моддаҳои ғизоӣ ва беҳтар намудани ҳосилхезии он фарқ мекунанд.

Сол аз сол масоҳати майдони кишти соя дар ҷаҳон рӯ ба афзоиш овардааст. Талаботи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ ба истеҳсоли махсулоти экологии тоза зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии кишоварзиро ба миён овардааст. Дар ин замина, дар баробари истифодаи пестисидҳо, доираи васеи маҳсулоти биологӣ ва моддаҳои фаъоли биологӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин моддаҳо ба нигоҳдории вазъи оптималии фитосанитарии агросенозҳо, тақвияти муқовимат ва имунитети растаниҳо, инчунин афзоиши ҳосилнокӣ ва беҳтаршавии нишондиҳандаҳои сифатии зироатҳои гуногуни кишоварзӣ мусоидат мекунад. Дар байни онҳо моддаҳои танзимкунандаи рушд мавқеи махсус дошта, ҳамчун воситаи самаранокии равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳо хизмат менамоянд. Танзимкунандагони рушди растаниҳои маъданӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ васеъ мавриди истифода қарор гирифта, зарурияти ҳаматарафаи омӯзиши амалӣ ва назариявиро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Нишондиҳандаи ҷамъбастии самаранокии ташаккулёбии биомасса ва вазни хушки растаниҳо ин нишондоди маҳсулнокии тозаи фотосинтез мебошад. Дар давраҳои нашъунамои

навъҳои соя ин нишондод дар варианти коркарди тухмӣ пеш аз кишт бо Препарати-1 нисабатан нишондоди устувор буд. Миқдори пигментҳои фотосинтетикӣ дар масоҳати барги навъҳои соя зери таъсири танзимкунандагони рушд ба таври назаррас тағйир наёфтааст.

Муайян гардид, ки истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ ба нишондиҳандаҳои морфологӣ ва биологии навъҳои соя таъсири мусбат расонида, баландии поя, шумораи навдаҳои паҳлуӣ, миқдори кӯсак ва миқдори донро дар як растанӣ зиёд намуд.

Танзимкунандагони рушди растанӣ ба ташаккули унсурҳои сохтори ҳосил таъсири мусбат расонида, махсусан шумораи кӯсакҳо ва вазни онҳо бо донро нисбат ба варианти назоратӣ зиёд карданд. Натиҷаҳои беҳтарин бештар ҳангоми истифодаи консентратсияҳои 0,01 ва 0,001 % ба қайд гирифта шуданд.

Миқдори дон дар як кӯсак нисбатан устувор буда, асосан аз хусусиятҳои генетикии навъ вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин, дар навъи Орзу истифодаи препарати $CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$ дар консентратсияҳои 0,01 ва 0,001 % боиси зиёд шудани миқдори дон дар як кӯсак гардид.

Истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ ба афзоиши вазни 1000 дона ва ҳосили дони як растанӣ мусоидат намуд, ки ин ба баланд гардидани ҳосилнокии умумии зироат замина фароҳам овард.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ сифати дони сояро низ беҳтар намуда, баромади сафеда ва равғанро аз як гектар зиёд мекунад. Самаранокии бештар дар аксари ҳолатҳо ҳангоми истифодаи Препарати-2 ба қайд гирифта шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** омӯзиши таъсири танзимкунандагони рушди растанӣ, нишондодҳои морфофизиологӣ ва биохимиявии сабзиши донаҳои зироати соя то ҳол мавриди омӯзиши дақиқи мутахассисони соҳа қарор нагирифта буд. Ин ҳолат аз муҳиммияти илмӣ ва моҳияти амиқи мавзуи таҳқиқоти мазкур дарак медиҳад.

- бори нахуст исбот карда шудааст, ки самаранокӣ ва танзимкунандагии пайвастагиҳои омӯхташаванда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз сохтори кимиёвӣ ва радикалҳои таомулпазири онҳо вобаста аст.

- маълум карда шудааст, ки танзимкунандагони рушди растанӣ вобаста аз мавҷудияти гурӯҳҳои мухталифи фаъолияткунанда, таркиби кимиёвиашон метавонанд ба миқдори пигментҳои пластидӣ дар зинаҳои аввали пайдоиш ва рушди майсаҳои растании соя таъсири амиқ расонанд.

- таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, танзимкунандагони рушди растанӣ тавассути таъсиррасонӣ ба равандҳои физиологию биокимиёвии марбут ба рушд ва нумуи майсаҳо, дар ташаккул ва инкишофи онҳо нақши муҳим мебозанд.

- танзимкунандагони рушди растанӣ-биостимуляторҳо муайян карда шудаанд, ки аз ҷиҳати фаъолнокӣ аз танзимкунандагони маъмулӣ камтар нестанд.

- фаъолнокии метаболии танзимкунандагони рушди растанӣ ба сабзиш, инкишофи майсаҳо ва решаҳои ҷанинии навъҳои сояи “Орзу”, “Ситора” ва “Дорнитса” муқаррар карда шудаанд.

- фарқиятҳои миқдории моводҳои биокимиёвии растанӣ муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиии натиҷаҳои диссертатсия.** Маҷмуи усулҳои асосии методологии мавҷударо аз нуқтаи назари физиологию биохимиявӣ омӯхтани навъҳои сояро дар шароити водии ҳисор ва таъсири танзимкунандагони рушди растаниҳоро дар асоси усулҳои муосири физиология ва биохимияи растаниҳо истифода шудаанд. Корҳои таҷрибавии саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ аз рӯйи усулҳои эътирофшуда гузаронида шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Омӯзиши физиологию биохимияивӣ бо маълумотҳои зиёди фарққунандаи таҷрибавӣ ва коркарди омории онҳо бо истифода аз барномаи стандартӣ ва компютерии MS Excel амалӣ карда шудааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон Д.Р Шафигуллин., 2020, О.И Яхин., А.А Лубянов., 2016, D.R Panther., 2006, анҷом дода шудааст.

Такрори таҷрибаҳо ва истифодаи коркарди омории натиҷаҳо низ барои баланд бардоштани эътимоднокии маълумоти таҷрибавӣ мусоидат кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣӣ дар таҳқиқ** муаллифи кори диссертатсионӣ дар тамоми зинаҳои таҷрибаҳои таҳқиқотӣ: таҳлилу тафсири адабиёт, ба даст овардан, коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳо, хулосабарорӣ ва тайёр кардани маводи илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ, омода ва таҳияи диссертатсия бевосита ширкат намудааст. Таҷрибаҳои илмию амалӣ оид ба рисолаи мазкур дар шароити саҳро ва озмоишгоҳ бевосита аз тарафи муаллиф иҷро гардида, аз тарафи роҳбари рисолаи илмӣ роҳнамоӣ шудааст. Саҳми муаллиф дар татбиқи таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишӣ, таҳлилу баррасии илмии натоиҷи таҷрибаҳо беш аз 85 фисад аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда, то имрӯз 7 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст. Аз онҳо, 4 мақола дар нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар маҷаллаҳо ва маводи илмии дигар, ки ба соҳаи химияи биологӣ марбутанд, нашр шудаанд:

[1-М]. Усмонова Н.С., Таъсири моддаҳои химиявии синтетикӣ ба суръати сабзиши тухмии навъҳои соя. /Н.С.Усмонова //Кишоварз Земледелей №3 (100) 2023. С. 40-42. ISSN2074-5435.

[2-М]. Усмонова Н.С., Некоторые морфофизиологические особенности сои в почвенно-климатических условиях Зеравшанской и Гиссарской долин./ Н.С.Усмонова //Кишоварз Земледелей №3 (101) 2023. С.33-35. ISSN 2074 - 5435

[3-М]. Усмонова Н.С., Эргашев А., Влияние условий почвенного питания и режима орошения на физиологическую активность растений сортов сои./ Н.С., Усмонова., А Эргашев. //Кишоварз Земледелей №1 (102) 2024 С-18-19. ISSN 2074 - 5435.

[4-М]. Усмониён Н.С., Эргашев А.,Таъсири пайвастагиҳои комплексонатҳои мис ба аломатҳои морфологии навъҳои соя. /Н.С., Усмониён, А Эргашев.// Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Душанбе 2025. №.4.(231) С. 56-60. ISSN 2791-0717.

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо**

[5-М]. Усмонова Н.С. Влияние подкормок минеральном удобрениям на продуктивность сортов сои./ Н.С. Усмонова // Материалы республиканской научно-практической конференции, посвященной 30-летию-Государственной Независимости республики Таджикистан и «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» на тему «Современные проблемы развития природоведческих» (естественных) наук: перспективы дальнейшего развития» (с участием СНГ) (г. Бохтар 4-5 ноября 2021г). 144.с

[6-М]. Усмонова Н.С., Ниматова К.Н., Таъсири шароити ғизои хокӣ ба рушду нумӯъи навъҳои соя. / Н.С. Усмонова, К.Н. Ниматова //Конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Гуногунии биологии ва ҳамбастагии он ба амнияти озуқаворӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020 - 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» Донишгоҳи давлатии Данғара, 21-22-январи соли 2022. 136-137 с.

[7-М]. Усмонова Н.С.Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба динамикаи рушду инкишофи навъҳои гуногуни соя./ Н.С. Усмонова// Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағирёбии иқлим. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 4.11.2025. 306 с.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 138 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар рисола 21 ҷадвал ва 18 расм пешниҳод гардидаанд. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 128 номгӯй, аз ҷумла 23 асари муаллифони хориҷиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалиинатиҷаҳои бадасовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якум** ба шарҳи адабиёти илмӣ бахшида шуда, сабзишу инкишофи соя дар шароити ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар,танзимкунандагони рушд ва инкишофи растанӣ ҳамчун воситаи муҳими баланд бардоштани усутуворни растаниҳо нисбат ба омилҳои стрессӣ баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф маводи назарраси илмиро ҷамъоварӣ намуда, натиҷаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро истифода кардааст. Баррасии адабиёт барои асоснок намудани интихоби самти таҳқиқот заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

Дар **боби дуюм** объектҳо, мавод ва усулҳои таҳқиқот шарҳ дода шудаанд. Шароити табиӣ ва агроиқлимии водии Ҳисор,тавсифи умумии қабати хоки қитъаи таҷрибавӣ,тавсифи ботаникии объекти таҳқиқот,тавсифи танзимкунандагони рушди растанӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ,агротехникаи парвариши зироати соя дар майдончаҳои омӯзишӣ пешниҳод гардидаанд.

Ин қисм барои такроршавандагии таҷрибаҳо ва арзёбии дурустии натиҷаҳои минбаъда аҳаммияти калидӣ дорад.

**Боби сеюм** қисми асосии таҷрибавии диссертатсия ба ҳисоб меравад. Дар он натиҷаҳои муайян намудани таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ бо танзимкунандагони рушд- биостимуляторҳо ба раванди сабзишу инкишофи навъҳои соя, таъсири танзимкунандаи рушди растанӣ ба микдори пигментҳои фотосинтетикии барги навъҳои соя, таъсири танзимкунандаи рушд ба ҳосилнокӣ ва сифати дони навъҳои соя.

Дар **боби чорум** натиҷаҳои таҷрибавии бадастомада муҳокима ва бо маълумоти илмии қаблан нашршуда муқоиса гардидаанд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи таҳлилӣ ба як низоми ягона ворид карда, хусусиятҳои коркарди пеш аз кишти тухми бо танзимкунандагони рушд арзёбӣ намояд.

Мавҷудияти чунин боби алоҳидаи муҳокима ҷиҳати мусбати кор мебошад, зеро натиҷаҳо танҳо ба шакли рақамҳо пешниҳод нашуда, маънои илмии онҳо низ баррасӣ шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо назардошти талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин таҳия шудааст: «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030», Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №165, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 263, «Стратегияи рушди илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 «Оид ба таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизо», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503, «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 165, банди 170-и «Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2025» ва Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» иҷро гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи «**Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявииинавъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст:

**1.** Исбот карда шудааст, ки самаранокии танзимкунандагони синтетикии рушди растанӣ барои соя аз сохтори кимиёвӣ, таркиби гурӯҳҳои функсионалӣ ва консентратсияи истифодашавандаи онҳо вобаста мебошад.

**2.** Муайян карда шудааст, ки истифодаи танзимкунандагони синтетикии рушди растанӣ ҳангоми коркарди пешазкиштии тухмӣ нишондиҳандаҳои морфологӣ ва физиологии навъҳои сояи «Орзу», «Ситора» ва «Дорнитса»-ро беҳтар намуда, ташаккули унсурҳои сохтори ҳосилро фаъол мегардонад.

**3.** Муқаррар карда шудааст, ки истифодаи препарати $CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$ (Препарати-2) дар консентратсияи 0,01% барои коркарди пешазкиштии тухмии соя дар шароити водии Ҳисор самаранoктарин буда, боиси баланд шудани ҳосилнокӣ, беҳтар гардидани сифати дон ва зиёд шудани баромади сафеда ва равған аз як гектар мегардад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат

гирифтани онҳо дар таҳқиқоти оияндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб чунинанд:

1. Дар бахши натиҷаҳои миқдорӣ истифодаи усулҳои коркарди оморӣ зикр шудааст, аммо нишондиҳандаҳои асосии оморӣ, аз ҷумла қимати миёна, инҳирофи стандартӣ ва сатҳи эътимоднокии фарқиятҳо, дар ҳамаи ҷадвалҳо ба таври яксон пешниҳод нашудаанд. Истифодаи низоми ягонаи нишондиҳандаҳои оморӣ барои ҳамаи ҷадвалҳо имкон медод, ки муқоиса ва арзёбии натиҷаҳо дақиқтар, шаффофтар ва эътимоднoктар анҷом дода шавад.

2. Хуб мешавад,ки оиди перепаратҳои синтетикии рушди сабзиши растаниҳо маълумотҳои каме васеъ дода мешуд.

3. Дар хулоса оиди перепаратҳои синтетики истифода шуда, ки ҳамчун моддаҳои рушду нумуъи растаниҳо зикр гардидаанд, пешниҳод нашудааст,ки онҳо ҳамчун ингибитор ё стимулятор истифода бурда мешаванд.

4. Хуб мешуд,ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои саҳрои, равандҳои мубодилаи обӣ низ муайян карда мешуд.

5. Дар матн баъзе ғалатҳои услубӣ, истилоҳӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд. Пеш аз пешниҳоди нусхаи ниҳоӣ таҳрири пурраи забонӣ ва мутобиқсозии шакли библиографӣ бо талаботи КОА мувофиқи мақсад мебошад.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти таҳрирӣ, методӣ ва тавсиявӣ дошта, ба моҳияти натиҷаҳои асосии илмии бадастомада таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши умумии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ** оид ба диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи «**Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявиинавъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор** » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он Усмониён Нигина Солиҳ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06. 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.
Тақризи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ, протоколи №1 аз 28 августи соли 2026 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд, дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:** Мудири кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварӣ,н.и.к., дотсент — Шарипов Нурулло Самариддинович

**Эксперт:**
Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Каримов Музаффар Каримович

Дотсенти кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пилла-парварӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, н.и.к — Қодирзода Фирдавс Тағойбекович

Котиби ҷаласа: ассистенти кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Қодиров Навруз Нуралиевич

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Қурбонзода А. Х.

733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
тел. (992-372) 24-72-07,
e-mail: rectortau31@mail.ru,
веб-сайт: https://www.tajagroun.tj

«28» 08 соли 2026.